ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, кӯчаи Шевченко, 69, тел. ( 992 37) 221-18-35, факс (992 37) 221-75-25

# ФАРМОИШ

аз “07” 08 соли 2025, № 509 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Методикаи муайян намудани камбизоатии оилаҳо ва шаҳрвандон ва индикаторҳои муайянкунандаи вазъи некуаҳволии аҳолӣ барои таъин кардани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ

Дар асоси иҷрои банди 2 ва сархати чоруми банди 4 Тартиби таъин намудани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ, муайян намудани андозаи он ва шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2024, №488 тасдиқ шудааст, мутобиқи банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Методикаи муайян намудани камбизоатии оилаҳо ва шаҳрвандон ва Индикаторҳои муайянкунандаи вазъи некуаҳволии аҳолӣ барои таъин кардани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Ба директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад, ки зимни амалисозии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2024, №488 “Дар бораи Тартиби таъин намудани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ, муайян намудани андозаи он ва шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Методикаи муайян намудани камбизоатии оилаҳо ва шаҳрвандон барои гирифтани кумакпулии унвонии ичтимоӣ ва Индикаторҳои муайянкунандаи вазъи некуаҳволии аҳолӣ барои таъин кардани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ мавриди роҳбарӣ ва иҷро қарор диҳад.

3. Раёсати ҳифзи ичтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Агентии давлатии ҳифзи ичтимоии аҳолӣ ва гурӯҳи татбиқи лоиҳаи “Навсозии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ” раванди амалишавии Методикаи мазкурро, аз ҷумла самаранокии Индикаторҳои муайянкунандаи вазъи

некуаҳволии шаҳрвандон (оилаҳо), вазни қиёсӣ ва дараҷаи таъсиррасонии онҳоро, ки мақоми камбизоатии шаҳрвандон (оилаҳо)-ро муайян мекунанд, на кам як маротиба дар ду сол арзёбӣ намуда, дар ҳолати зарурӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

4. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Ба сардорони Шуъбаи аудити дохилии вазорат ва Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш дода шавад, ки иҷрои фармоиши мазкурро таҳти назорат қарор диҳанд.

6. Фармоиши Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми январи соли 2011, №18, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми апрели соли 2011-ум, №610 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир, сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Вазир — Ҷ. Абдуллозода

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
БАРОИ ФАРМОНҲО
ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ
ВЕРНО

Замимаи 1
бо фармоиши Вазорати
тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии
аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «07» 08 соли 2025 №508
тасдиқ шудааст

Методикаи муайян намудани камбизоатии оилаҳо ва индикаторҳои муайянкунандаи вазъи некуаҳволии аҳолӣ барои таъин кардани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ

1) Методикаи муайян намудани камбизоатии оилаҳо ва шаҳрвандон ва Индикаторҳои муайянкунандаи вазъи некуаҳволии аҳолӣ барои таъин кардани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ (минбаъд-Методика) дар асоси банди 2 ва сархати чоруми банди 4 Тартиби таъин намудани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ, муайян намудани андозаи он ва шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2024, №488 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст. Методикаи мазкур усулҳои баҳодиҳии вазъи моддию маишӣ ва сатҳи некӯаҳволии аҳолиро ҷиҳати муайян намудани камбизоатии оилаҳо ва шаҳрвандонро барои гирифтани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба танзим медарорад.

2) Барои муайян намудани ҳуқуқи гирифтани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ индикаторҳои муайянкунандаи вазъи некуаҳволии аҳолӣ барои таъин кардани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ва формулаи арзёбии ғайримустақими эҳтиёҷмандӣ мавриди истифода қарор дода шуда, ҳамзамон маълумотҳои зерин ба инобат гирифта мешаванд: ҳайати оила, шумораи умумии аъзои оила, шумораи маъюбон дар ҳайати оила, мавҷудияти молу амвол, масолеҳи сохтмонии манзили истиқоматие, ки шаҳрванд (оила) дар он истиқомат мекунад, дараҷаи маълумотнокӣ, маълумот дар бораи шуғлнокӣ ва дигар даромадҳо.

3) Маълумотнома дар бораи индикаторҳои номбаршуда аз ҷониби шаҳрванд ё сарвари оилае, ки барои гирифтани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ бо ариза муроҷиат намудааст, дар «Маълумот дар бораи даромад ва амволи ҳамаи аъзои оила», ки намунаи он аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, дар шакли ҷавобҳо ба саволҳо оид ба ҳар як индикатор нишон дода мешавад. Дар сурати надоштани саводи кофӣ ё сустбинӣ ва дигар ҳолатҳои истисноӣ кормандони масъули ҷамоати деҳоту шаҳрак ё идораҳои коммуналию манзилӣ, нозир-коргузорони назди бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳру ноҳияҳо барои хонапурӣ кардани маълумотномаи мазкур мусоидат менамоянд.

4) Маълумоте, ки дар фаслҳои II ва III-и «Маълумот дар бораи даромад ва молу амволи аризадиҳанда ва аъзои оила» нишон дода мешавад, ба тариқи рақамӣ ҳисоб карда мешаванд ва нишондиҳандаҳои шуморавии индикаторҳои дар ин фаслҳо дарҷгардидаро инъикос менамояд.

5) Маълумоте, ки дар фаслҳои V ва VI-и «Маълумот дар бораи даромад ва амволи ҳамаи аъзои оила» нишон дода мешаванд, ба воситаи муайян намудани дараҷаи таҳсилоти сардори оила ва нишон додани масолеҳи таркибии бом, фарш, таҳкурсӣ ва масолеҳи девори ҳавлии манзили истиқоматии оилае, ки дар он зиндагӣ менамояд, ҳисоб карда мешавад.

6) Маълумотҳо дар бораи индикаторҳои муайянкунандаи некӯаҳволии шаҳрванд (оила) бо воситаи барномаи компютерии автоматикунонидашудаи маълумот коркард мешаванд.

7) Ҳар як нишондиҳандаи индикаторҳои муайянкунандаи некӯаҳволии оила, ки камбизоатии онро муайян мекунад, ченаки (вазни) муайяни худро дорад, ки бо дар назар доштани таносуби индикаторҳо ба сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Индикаторҳои муайянкунанда дар замимаи 2 оварда шудаанд.

8) Бо дарназардошти нишондодҳои андозаи ҳар як индикатор баҳодиҳии инфиродӣ гузаронида мешавад ва индекси (шохиси) сатҳи некӯаҳволии оила – бо шумораи холҳо муайян карда мешавад. Шумораи холҳо бо тартиби автоматикунонидашуда ба воситаи барномаи коркарди компютерӣ бо истифодаи формулаи махсуси ҳисоббарорӣ барои истиқоматкунандагони шаҳр ва деҳот дар алоҳидагӣ ҳисоб карда мешавад. Илова бар ин, минтақаи зисти оила низ ба инобат гирифта мешавад.

9) Ҳадди ниҳоие, ки сатҳи камбизоатии оиларо муайян мекунад – ҳамчун индекси некӯаҳволии оила (меъёри эҳтиёҷот) – 1 (як) холро ташкил медиҳад.

10) Оилаҳо ва шаҳрвандоне, ки индекси некӯаҳволиашон аз 1 (як) хол камтарро ташкил медиҳад, ба онҳо кумакпулии унвонии иҷтимоӣ таъин карда мешавад.

11) Оилаҳо ва шаҳрвандоне, ки индекси некӯаҳволиашон аз 1 (як) хол баландро ташкил медиҳад, ба онҳо кумакпулии унвонии иҷтимоӣ таъин карда намешавад.

Замимаи 2
бо фармоиши Вазорати
тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии
аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «07» 08 соли 2025 №509
тасдиқ шудааст

# ИНДИКАТОРҲОИ МУЙЯНКУНАНДАИ

вазъи некуаҳволии аҳолӣ барои таъин кардани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ва формулаи арзёбии ғайримустақими эҳтиёҷмандӣ (КОН)

| Номгӯи индикатор барои шаҳр | Вазни индикатор | Номгӯи индикатор барои деҳот | Вазни индикатор |
|---|---|---|---|
| | | Вилояти Хатлон | -0.192 |
| Вилояти Суғд | -0.113 | Вилояти Суғд | -0.166 |
| ВМКБ | 0.230 | ВМКБ | -0.459 |
| Шумораи аъзои оила | 0.002 | Шумораи аъзои оила | -0.076 |
| | | Шумораи аъзои оила^2 | 0.002 |
| Маълумотнокии сардори хонавода/оила:<br><br>- миёна<br>- миёнаи махсус/техникӣ<br>- олӣ/аспирантура | 0.067^<br>0.097^<br>0.177*** | Маълумотнокии сардори хонавода/оила:<br><br>- миёнаи махсус/техникӣ<br>- олӣ/аспирантура | 0.068<br>0.046^ |
| Шуғли сардори оила:<br>- тиҷорат/фаъолияти инфиродӣ<br>- муҳоҷир | 0.139<br>0.147 | Шуғли сардори оила:<br>- бекор<br>- деҳқон<br>- корҳои ҳархела<br>- муҳоҷир | -0.058<br>-0.049^<br>-0.052^<br>-0.092 |
| | | Дар никоҳи расмӣ қарор дорад, якаву танҳо, бе зан/бевазан, талоқшуда (ҷудо шудааст) | 0.068 |
| Манбаи асосии даромади оила: корҳои муваққатӣ, музди ғайриинтизорӣ (даромади гоҳ ба гоҳ) ва манбаи дигар | -0.177 | Манбаи асосии даромади оила: корҳои муваққатӣ, музди ғайриинтизорӣ (даромади гоҳ ба гоҳ) ва манбаи дигар | -0.077 |
| Нақлиёт: сабукрав, боркаш, трактор ва монанди инҳо | 0.159 | Нақлиёт: сабукрав, боркаш, трактор ва монанди инҳо | 0.158 |
| Компютер | 0.169 | Компютер | 0.103 |
| Антенаи радифӣ | 0.140 | Антенаи радифӣ | 0.076 |
| | | Генератор | 0.186 |
| Яхдон | 0.093 | Яхдон | 0.037^ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Кондисионер | 0.182 | | |
| Плитаи газӣ ва барқӣ | 0.101 | Плитаи газӣ ва барқӣ | 0.081 |
| | | Гармкунаки барқӣ | 0.109 |
| Мавҷудияти аз 2 адад кам ашёи истифодааш дарозмуддат | -0.162 | Ашёи истифодааш дарозмуддат вуҷуд надорад | -0.112 |
| | | Мошинаи дарздӯзӣ | 0.079 |
| Ҳаммом/Душ | 0.158 | | |
| Ҳолати манзил: нав ё дар давоми сол таъмиршуда | 0.069^ | Ҳолати манзил: нав ё дар давоми сол таъмиршуда | 0.150 |
| Манбаи оби нӯшокӣ: дарё/ҷӯйбор | -0.061^ | Манбаи оби нӯшокӣ: дастраснамоии об бо мошини боркаш ё дастӣ | -0.097 |
| | | Хонавода дар манзили ҳавлидор зиндагӣ мекунад (на дар хонаи серошёна) | -0.125^ |
| | | Боми хона: тунука, черепитса | 0.170 |
| | | Фарши хона: лой | -0.062 |
| | | Шумораи аъзои хонавода ба як ҳуҷра | -0.027 |
| Сузишворӣ барои тайёр кардани ғизо: -кумур | 0.168^ | Сузишворӣ барои тайёр кардани ғизо: - кумур - тапак | 0.119 -0.035^ |
| Ҳисобкунаки барқӣ | 0.269 | Пардохти ҳаққи истифодаи қувваи барқ | 0.211 |
| | | Пардохти ҳаққи истифодаи об (оби гарм ва хунук) | 0.128 |
| Пардохти ҳаққи кашонидани партовҳо | 0.114 | | |
| Пардохти ҳаққи телефони хонагӣ (на мобилӣ) | 0.140 | | |
| Ҳайвони калони шохдор: (гов, барзагов, кутос) | 0.087 | Ҳайвони калони шохдор: (гов, барзагов, кутос) | 0.036 |
| Ҳайвони майда: (гусфанд, барра, буз) | | Ҳайвони майда (гусфанд, барра, буз) | 0.001 |
| | | Ҳолати фавқулода: хушксолӣ | -0.185 |
| | | Сарфаи вақт аз хона то мактаб: зиёда аз 30 дақиқа | -0.171 |
| | | Шумораи донишҷӯён дар ҳайати оила (маҷмӯи | 0.237 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | арзишҳо: от 0 до 1) | |
| | | Саршумори асп | 0.370 |
| | | Саршумори хар | 0.117 |
| | | Сӯзишворӣ барои тайёр намудани ғизо: газ | 0.105 |
| | | Шумораи кӯдакони синни аз 12 то 16 -сола дар ҳайати оила (маҷмӯи арзишҳо: от 0 до 1) | 0.346 |
| | | Дороӣ аз моликият (манзил ё амволи тиҷоратӣ | |
| | | Паранда, харгӯш, занбури асал | 0.077 |
| | | Танҳо ҳайвоноти дигар (харгӯш, занбури асал) | 0.138 |
| Доимӣ | 8.838 | Доимӣ | 9.244 |
| R^2 | 0.397 | R^2 | — |
| Шумораи мушоҳидаҳо | 799 | Шумораи мушоҳидаҳо | — |
| Шумораи индикаторҳо барои шаҳр | 25 | Шумораи индикаторҳо барои деҳот | 44 |

***Эзоҳот:***

^-ин аломат маънои онро дорад, ки коэффитсентии додашуда аз лиҳози оморӣ аҳамият надорад.
^2-ин аломатҳо ба квадрат бардоштани рақам (нишондод) ва мутаносибан зиёд кардани нишондодро мефаҳмонад (масалан "шумораи аъзои хонавода ^2 " дар квадрат бардошта шуда, ба коэффитсент зарб карда мешавад). Чунин амали арифметикӣ коэффитсенти нишондиҳандаи "шумораи аъзои хонавода"-ро ба эътидол меорад.
R^2-сатҳи ҳамбастагӣ бо кулли истеъмолот (масрафҳо). Ин нишондод дар ҳисобкунии холҳо иштирок накарда, характери таҳлилӣ дорад ва барои мутахассисони соҳаи омор нигаронида шудааст.

Суммаи коэффициентҳои бадастомада ба функсияи экспоненсиалӣ бароварда шуда, ба 13275 тақсим мешавад (Баҳо = exp (суммаи коэффициентҳо) тақсими 13275). Ба таври рамзӣ суммаи коэффитсиентҳо 1 (як) холро ташкил медиҳад.